# ТАҚРИЗ

**аз муқарризи расмӣ н.и.ф., дотсент Насруддинов С.М. ба диссертатсияи унвонҷӯй Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ – семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ”»**

Диссертатсияи Саидова М.А. таҳти мавзӯи «Таҳлили сохторӣ – семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ”» ба яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқоти муқоисавӣ ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

Диссертант чунин иброз менамояд, ки шумораи зиёди адабиётҳои илмӣ оид ба таҳқиқоти нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ масъалаҳои ташаккули сохторӣ-семантикии онҳо аз нигоҳи муқоиса ва роҳу усулҳои тарҷумаи онҳо ҳалношуда ва норавшан боқӣ мондааст, ки мақсад ва вазифаҳои диссертатсияи мазкур низ ба ин масъала равона гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқот ин таҳқиқи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари “Ёддоштҳо”-и С. Айнӣ мебошад.

Барои ноил гаштан ба ҳадаф, диссертант ба асарҳои илмию назариявии олимони забоншиноси машҳури тоҷик, англис ва рус такя кардааст, ки инҳо: Б. Ниёзмуҳаммадов, Р. Ғаффоров, Ш. Ниёзӣ, Н. Масъумӣ, Б. Камолиддинов, П. Ҷамшедов, Ф. Зикриёев, С. Ҷоматов, З. Мухторов, А. Мамадназаров, Н. Туйғунов ва ғайраҳо аз зумраи олимони хориҷӣ H. Sweet, R.L. Allen, S. Onions, P. Srawson, A.S. West, O. Esperson. Олимони рус бошанд, З.П. Гаркунов, Н.К. Рязанов, М.В. Смолин, К.В. Давыова, С.В. Кузнетсов, Н.М. Василевский, В.Л. Каушанский, Е.В. Конюс, Е.А. Рейман, Г.В. Мирошниченко ва ғайраҳо.

Диссертант Саидова М. барои ба сомон расонидани кори илмии худ аз усулҳои муқоисавӣ ва типологӣ, таҳлили сохторӣ-семантикӣ истифода бурдааст, ки ба натиҷаҳои дилхоҳ соҳиб шудааст.

Аз истифодаи асарҳои бадеи бошад, диссертант асосан ба матнҳои асари бадеии нависандаи машҳури тоҷик С. Айнӣ “Ёддоштҳо” эътибори ҷиддӣ зоҳир намудааст.

Чӣ тавре, ки диссертант ифода мекунад, навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур нахустин кӯшиш дар мавриди таҳлили муқоисавӣ-типологии нутқи мазмунан нақлшуда ва низоми воҳидҳои мураккаби луғавӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи сохтор

ва тарҷума ба ҳисоб меравад, ки дар асл, сатҳи луғавии забони қишри бузурги низоми забонӣ аст, диққати ҷиддии забоншиносонро талаб мекунад.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима диссертант вобаста ба талабот ба ҳамаи қисматҳои диссертатсия, яъне мубрамии дссертатсия, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, маҳалли (объекти) таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, сарчашмаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд,аҳамияти назариявии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот, мутобиқати мавазуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муҳаққиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумотҳои асосиро ворид кадааст, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст.

Боби якум, ки "Мушкилоти омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" номида шудааст, аз се зербоб иборат буда, масъалаҳои дараҷаи омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, хусусиятҳои сохтории нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, хусусиятҳои семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро дар бар мегирад.

Дар боби дуюм сухан дар бораи "Хусусиятҳои хоси мутобиқатии замонҳо дар забони англисӣ дар муқоса бо забони тоҷикӣ" меравад, ки ин боб ҳам аз се зербоб иборат аст ва масъалаҳои қоидаи мутобиқатии замонҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, истифодаи феълҳои гуфтор, муродифоти онҳо (to say, to speak, to talk, to tell) ва тобишҳои маъноии онҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда, мушкилоти тарҷумаи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ҳамаҷониба таҳлил мекунад.

Боби сеюм, ки "Усулҳои банду басти навъҳои гуногуни ҷумлаҳо нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи маводи "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ.", ки аз чор зербоб иборат аст, сухан дар бораи усулҳои банду басти ҷумлаҳои саволӣ (дар заминаи гурӯҳбандии онҳо) дар нутқи мазмунан нақлшуда ва тафовути онҳо аз ҷумлаҳои саволии забони тоҷикӣ, ҷумлаҳои ифодакунандаи амру хоҳиш, таклифу пешниҳод ва маслиҳат дар забони англисӣ ва тафовути онҳо ҳангоми ифода ба забони тоҷикӣ, ҷумлаҳои хитобӣ ифодакунандаи салом, бахшиш, шиносоӣ, миннатдорӣ, табрикот дар забони англисӣ ва тафовути онҳо ҳангоми ифода ба забони тоҷикӣ, хусусиятҳои хоси нутқи мазмунан нақлшуда ва тағйироти сохториву маъноӣ ар таркиби матни асарҳои бадеӣ меравад.

Диссертант Саидова М. иброз намудааст, ки мавзуи нутқи мазмунан нақлшуда ва муқоисаи сохтории он дар заминаи тарҷумаи бевоситаи асрҳои бадеӣ бори нахуст ба таври фарогир мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, дар ин самт ӯ тафовут ва умумиятҳоро муайян ва таҳқиқ намудааст.

Дар хулоса диссертант натиҷаҳои асосии таҳқиқотро аз нуқтаи назари назариявӣ ва амалӣ мутобики ҳадафҳои гузоштащуда дар бар мегирад, ки дар он дар қатори дигар хулосаҳо қайд карда мешавад, ки дар забони англисӣ, ки сохтори печидаи ифодаи нутқи мазмунан нақлшударо дорад, корҳои зиёд ба сомон расонида шудаанд, аммо дар муқоиса бо забонҳои дигар пешниҳод намудани ин гуна масъалаҳои боиси рушантар шудани гиреҳи асосии мушкилоти забонӣ, дар забонҳои муқоисашаванда буда метавонад.

Дар баробари ин ифодаи нутқи мазмунан нақлшударо бо ду забон ва вазифаҳои функсионалии онҳо, манзараи равшантару дурусттар медиҳад ҷамъбаст намудааст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки масъалаҳои аз тарафи диссертант гузоштащуда, асосҳои лингвистии омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, пурра инъкос намудааст, ки боиси тавсиф аст.

Бар замми он, ки диссертатсия пурмазмун ва бо мисолҳои исботкунанда  аз тарафи диссертант навишта шудааст, вале ба ҳар ҳол дар диссертатсия баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд:

1. Номгӯи қисматҳои диссертатсия ва автореферат аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Мисол: дар Муқаддимаи диссертатсия навишта шудааст, ки "Муҳимияти диссертатсия", дар автореферат бошад "Мубрамии мавзуи таҳқиқ". Дар автореферат "Дараҷаи омузиши мавзуъ", дар диссертатсия ин қисмат умуман нишон дода нашудааст.

2. Усулҳои таҳқиқот хело кӯтоҳ ифода шудаанд, ман боварӣ дорам, ки дар ҷараёни кор диссертант аз методҳои гуногун истифода бурдааст, вале дар диссертатсия нишон дода нашудааст;

3. Тарҷумаи баъзе ҷумлаҳо ба ақидаи мо на онқадар саҳеҳ ҳаст. Мисол, саҳ. 49. "Ӯ мегуфт, ки дар пушти меҳмонхонаи амакбобо деви ҳафтсар ҳаст. – She said that behind the mehmonkhona of Abdullokhoja lurket (hided) the seven-headed dev himself. Бояд чунин тарҷума мешуд: He said that there is a seven-headed demon behind the uncle's living room.

4. Диссертатсия аз камбудиҳои  техникӣ холӣ нест;

Нуқсонҳои майда-чуйдаи техникӣ ба осонӣ бартараф карда мешаванд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии ин корро паст намекунанд.

Умуман, таҳқиқот дар сатҳи зарурии илмӣ сурат гирифтааст. Муаллиф дониши хуби худро оид ба хуб донистани маводҳо ва адабиётҳои илмӣ нишон дода тавонистааст.

Аз нигоҳи мо, кор роҷеъ ба бартараф намудани мушкилоти луғавӣ ва тарҷумавии калимаҳои мураккаби забонҳои мавриди назар мумкин аст: дар таҳия ва хондани курсҳои лексионӣ доир ба типологияи муқоисавии забонҳо ва тарҷумашиносӣ, ҳангоми тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои хатми тахассусӣ оид ба мавзӯи луғату луғатшиносӣ, тарҷума ва тарҷумашиносӣ, инчунин ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ ба забонҳои муқоисашаванда, барои таълифи луғатҳои забоншиносии дузабона, барои тарҷумаи дақиқи матнҳои гуногуни забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муфид хоҳад буд.

Нашри мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар конфронсҳо гувоҳӣ медиҳад, ки Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна муҳаққиқи баркамоли илмӣ мебошад.

Мундариҷаи диссертатсия муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои назариявии рисоларо инъикос мекунад, ки ба тамоми талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ мувофиқат мекунад. Гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳанд, ки Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва типологӣ сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент
мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Насруддинов Сироҷиддин Моҳадшарифович**

Имзои Насруддинов С.М.-ро тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳои Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон **Муродова Матлуба Раҳмоновна**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33,
E-mail: nasruddinov.sirojiddin@gmail.com
Тел: (+992 37) 2 27 84 97;
Тел. моб: (+992) 918 10-14-48.

**20.02.2023**